# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № _____

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 11 феврали соли 2023, таҳти №17 дар бораи сазовор донистани Давлатов Бахтиёр Саидакбарович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Давлатов Бахтиёр Саидакбаровичро дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар таърихи 26.11.2022 сол, суратҷаласаи №10 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ, унвонҷӯ Давлатов Бахтиёр Саидакбарович 28-уми октябри соли 1988 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2007 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси умумӣ дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2012 хатм кардааст.

Аз соли 2015 то инҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда, аз соли 2019 то ба ҳол унвонҷӯи кафедраи мазкур ба ҳисоб меравад.

Мавзуи диссертатсия – «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 21 феврали соли 2017, таҳти №06 (16-17) тасдиқ гардидааст.

Ба унвонҷӯ шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 20.04.2022, таҳти №108 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Имтиҳонҳои номзадӣ бо баҳои зерин супорида шудаанд:

1. Забони хориҷӣ (англисӣ) – 4 «хуб», 09. 01.2021 с.

2. Таърих ва фалсафаи илм – 5 «аъло», 10.02.2021 с.

3. Ихтисос – 12.00.08. – 5 «аъло», 15.04.2022 с.

Диссертатсия дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода ва муҳокима шудааст. Ғайр аз ин, диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (аз санаи 30.04.2022) ҳамчунин, дар ҷаласаи кушод ва муштараки кафедраҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ ва криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардида, аз 03-юми сентябри соли 2022 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Назаров Аваз Қувватович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия – Тоҷикистон;

**Сафарзода Ҳаёт Сайдамир** – ёрдамчии прокурори шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон», ки аз ҷониби ташхисгар – дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ғайратов Т.М. омода гардида, аз ҷониби раиси семенари васеи илмӣ-назариявӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Алиев Ф.Ш. ва котиби ҷаласа, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Ҷабборов Ф.Н. имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктои илмҳои техникӣ, профессор Назарзода Х.Ҳ. санаи 14.01.2023 сол тасдиқ шудааст. Дар тақриз зикр шудааст, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар

нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1-М].** Давлатов, Б.С. Ҷавобгарӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ мувофиқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ [Матн] / Б.С. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – № 7. – С. 206-211. ISSN 2413-5151.

**[2-М].** Давлатов, Б.С. Ба ҷамъият хавфнокии саркашӣ аз супоридани андозҳо ва пардохтҳо [Матн] / Б.С. Давлатов // Қонунгузорӣ. – 2019. – № 2 (34). – С. 124-127. ISSN 2410-2903.

**[3-М].** Давлатов, Б.С. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ оид ба ҷавобгарӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо [Матн] / Б.С.Давлатов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – № 1 (21) – С. 1152-160. ISSN 2414– 9217.

**[4-М].** Давлатов, Б.С., Проблемаҳои муайян кардани предмети ҷиноятҳо дар соҳаи андоз [Матн] / Б.С. Давлатов, А.Қ. Назаров // Қонунгузорӣ. – 2021. – № 2 (42). – С. 85-89. ISSN 2410-2903.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[5-М].** Давлатов, Б.С. Алоқамандии таркиби ҷинояти соҳибкории ғайриқонунӣ ва саркашӣ аз супоридани андоз ва пардохт [Матн] / Б.С. Давлатов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2019. – № 3(15). – С. 191-197. ISSN 2414– 9217.

**[6-М].** Давлатов, Б.С. Хусусиятҳои ҷиноятҳо дар соҳаи андоз [Матн] / Б.С. Давлатов // Конференсияи байналмиллалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи "Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ" бахшида ба "25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон" –2019. – С. 655-662.

**[7-М].** Давлатов, Б.С. Масъалаҳои назариявии муайян кардани объекти бевоситаи ҷиноятҳо дар соҳаи андоз [Матн] / Б.С. Давлатов // Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ. – Душанбе. – 2021. – С. 244-254.

**[8-М].** Давлатов, Б.С. Проблемаҳои назариявии муайян кардани мафҳуми андоз ва хусусиятҳои он [Матн] / Б.С.Давлатов // Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкорӣ дар Тоҷикистони соҳибихтиёр (Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи "Рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ" аз 7-уми октябри соли 2021). – Душанбе. – 2021, – С. 230-238.

**[9-М].** Давлатов, Б.С. Система налоговых преступление по законодательству Республики Таджикистан и Германии [Текст] / Б.С. Давлатов // Фаъолияти қонунэҷодкунӣ. – 2021. – № 1 (1) – С. 95-101.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Ғафурзода А.Д.** – ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

**Раҳматҷонзода Р.Р.** – муовини сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии ҶТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия;

**Ҳаитов С.П.** – дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Дар эродҳо асосан баъзе нукоти мубоҳисавии мавзуи диссертатсионӣ дар муайян кардани объект ва предмети саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо, масъалаи худи шахсони ҳуқуқӣ чун субъекти ҷиноят, вобаста ба вазъи ҳуқуқӣ-ҷиноятии агенти андоз ва ғайраҳо пешбинӣ карда шудаанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷрои таҳқиқоти илмӣ:**

–пешниҳод намудани мафҳуми ҷиноятҳо дар соҳаи андоз ва муқаррар намудани хусусиятҳои он: Ҷиноятҳо дар соҳаи андоз ин кирдори барои ҷамъият хавфноки гунаҳгорона ва зиддиҳуқуқие мебошад, ки аз тарафи андозсупорандагон ва шахсони мансабдори ваколатдор бо мақсади ғарази шахсӣ дар ин самт содир мешаванд ва дар натиҷа зарари молиявӣ ба миқдори калон ба буҷети давлат ва дар баъзе мавридҳо ба андозсупоранда расонида мешавад;

– таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ;

– таҳқиқи объект ва предмети саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии ватанӣ: низоми ҷиноятҳо дар соҳаи андоз аз рӯйи объекти онҳо (объектҳои намудӣ, хелӣ ва бевосита) ва бо риояи принсипи алоқаи тарафайни байни соҳаҳои ҳуқуқ (ҳуқуқи андоз, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи молия, ҳуқуқи гражданӣ), инчунин вобаста ба омилҳои объективӣ ва субъективии ҳаёти ҷамъиятӣ сохта мешавад;

– муайян намудани аломатҳои тарафи объективии саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ;

– таҳқиқи аломатҳои субъект ва тарафи субъективии саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ: субъекти ҷинояти пешбининамудаи м. 292 ҳамин Кодекс роҳбар, сармуҳосиб (дар сурати мавҷуд набудани штати сармуҳосиб – муҳосиб)-и ташкилот, филиал ва ё намояндагии он, шахсоне, ки амалан вазифаҳои онҳоро иҷро менамоянд, дигар шахсоне, ки аз рӯйи ваколати махсуси мақомоти идоракунии ташкилот амал мекунанд, муассис (иштирокчӣ), соҳибмулки молу мулки ташкилот мебошанд, агар ба доираи уҳдадории шахсони номбурда имзо намудани ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ, ки ба мақомоти андоз пешниҳод мешаванд

ва таъмини пардохти пурра ва саривақтии андозҳо ва (ё) пардохтҳо дохил гардад ;

– таҳияи тавсияҳо оид ба такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки** натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар кор овардашударо дар таҳқиқоти минбаъдаи илмии мушкилот вобаста ба ҷиноятҳои соҳаи андоз метавон истифода кард.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти қонунгузорӣ, омӯзиши мавзуъҳои алоҳидаи фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи андоз, криминология ва курсҳои махсуси соҳавӣ, инчунин дар фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ (Вазорати корҳои дохилии ҶТ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ, Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон), судҳо ва мақомоти андоз ва аудит, инчунин палатаи ҳисоби ҶТ метавонанд истифода карда шаванд. Маводҳои таҳқиқот барои гузаронидани семинарҳо, конфронсҳо ва «мизҳои мудаввар»-и илмӣ ва корҳои амалӣ муфид хоҳанд буд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта, ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва хусусӣ, ба монанди:** ба монанди методҳои диалектикии маърифатиӣ, инчунин маҷмӯи методҳои махсуси таҳлил, синтез, муқоиса, индуксия, дедуксия, тафсири муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, системавӣ-таҳлилӣ, таърихӣ ва расмӣ ташкил додаанд.

Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсияро усулҳои умумӣ ва махсуси дарки илмии воқеияти ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқот ба як қатор усулҳои умумиилмӣ ва маҳсуси илмӣ, ба монанди: таърихӣ, таҳлил ва синтез, мантиқӣ, диалектикӣ, оморӣ, сотсиологӣ, муқоиса, ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва расмӣ-ҳуқуқӣ такя намудем.

Дар раванди таҳқиқоти илмӣ ва омода намудани рисола усулҳои умумиилмии фалсафӣ, усулҳои илмии диалектикии дарки ҳодиса ва раванди ҳаёти ҷамъиятӣ, ягонагии мазмуни иҷтимоӣ ва шаклҳои ҳуқуқие, ки раванди омӯзиши илмии онҳоро таъмин менамоянд, ба кор бурда шудаанд. Дар кори илмӣ як қатор усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ ба монанди: мантиқӣ-расмӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва махсуси ҳуқуқӣ самаранок истифода шудаанд.

Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсияро усулҳои умумӣ ва махсуси дарки илмии воқеияти ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, аз ҷумла категорияҳои фалсафии мафҳум, мақсад, низом ва моҳият тавассути усулҳои таҳқиқи диалектикӣ ва материалистӣ муайян карда шудаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** хулосаву пешниҳодоти дар диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф метавонанд ҷиҳати такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҷавобгарии ҷинояти барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ, дар амалияи тафтишӣ ва судӣ мавриди истифода қарор дода шаванд. Ҳамчунин, маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар ҷараёни тадрис, дар муассисаҳои олӣ ҳангоми таълими фанҳои ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла ҳуқуқи ҷиноятӣ, асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо ва ғайра истифода шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

– тавассути истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба мавзуи таҳқиқот ва рисолаҳои як қатор олимон, ки нуктаҳои назари илмии муосирро дар самти ҷавобгарии ҷинояти барои саркашӣ андозҳо ва пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ, инъикос менамоянд, ба даст оварда шудаанд;

– инчунин, аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеоянд;

– ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи ҶТ, Кодекси ҷиноятии ҶТ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ ва Қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ба даст омадаанд.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Бо дарназардошти таҳлили илмӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин пешниҳодҳоро зарур мешуморем:

1. Бо мақсади мустаҳкам ва дурусттар шудани низом ва сохтори КҶ ҶТ Боби 27 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ) ба ду боби алоҳида ҷудо карда шавад:

2. Бо дарназардошти тамоми ҳолатҳои овардашуда таҳрири м. 292 КҶ ҶТ-ро дар шакли нав пешниҳод крада мешавад;

3. Барои такмил додани танзими ҷиноятҳо дар соҳаи андозҳо ва ё пардохтҳо дар қонунгузории ҷиноятӣ бояд дар КҶ ҶТ моддаи нав пешниҳод карда шавад;

4. Ҷиноятҳо дар соҳаи андоз бояд бо номи «Ҷиноятҳои бо соҳаи андоз ва сиёсати андоз алоқаманд» ном бурда шаванд;

5. Ҷиноятҳо дар соҳаи андозҳо ва ё пардохтҳоро ба се намуди ҷиноятҳои мушаххас тақсим метавон кард:

- Ҷиноятҳо вобаста ба саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо (моддаҳои 292-293 КҶ ҶТ), ки объекти бевоситаи онҳоро андозҳо ва ё пардохтҳо ташкил медиҳанд;

- Ҷиноятҳои бо андоз алоқаманд, яъне ҳангоми содир шудани онҳо дар баробари вайрон гардидани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ қонунгузории соҳаи андоз ва ё пардохтҳо низ вайрон мегардад.
- Ҷиноятҳои ба сиёсати андоз алоқаманд, ки ин ҷо вобаста муқаррар кардани маблағи андоз, пеш бурдан ва ҷамъоварии андозҳо ва дигар пардохтҳо, ба амал баровардани назорати андоз, шикоят аз болои санадҳои мақомоти андоз ва аз болои амал (беамалӣ)-и шахсони мансабдори онҳо, монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ (м.258 КҶ ҶТ), ки аз ҷониби шахсони мансабдор содир мешавад ва дар натиҷа қонунгузории андоз вайрон мегардад, инчунин дигар ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд, ки бо истифода аз мақоми мансабии кормандони мақомоти ваколатдор оид ба ҷамъоварии андоз ва андозбандӣ, инчунин бо маслиҳати пешакӣ бо кормандони мақомоти андоз содир мешаванд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро нуқтаҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи андоз, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Вобаста ба масъалаҳои таҳқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, фишурдаҳои конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** бо он муайян карда мешавад, ки муаллиф бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ исбот карда мешаванд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 11 феврали соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Давлатов Бахтиёр Саидакбарович дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд тасдиқ гардидааст 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 13 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 13 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Шарипов Т.Ш.**

**Котиби илмии Шуроидиссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Гадоев Б.С.**
**11 феврали соли 2023**